**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи "Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст.**

Соҳаи картошкапарварӣ яке аз самтҳои афзалятноки соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, пешрафти ояндаи он, пеш аз ҳама барои ба даст овардани навъҳои серҳосили картошка, ташкил намудани системаи илман асосноки тухмипарварии ин зироат дар минтақаҳои кӯҳӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар картошкаправарӣ алоқамандии калон дорад. Баҳри рушди ояндаи ин соҳаи муҳими кишоварзӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола чораҳои заруриро андешида, дурнамо ва барномаҳои мушаххасро роҳандозӣ менамояд.

Картошкапарварӣ ва рушди минбаъдаи он бо парвариши навъҳои нави ин зироат ва сифати маводи тухмӣ зич алоқаманд аст. Дар раванди ба даст овардани навъҳои нав ва маводи тухмии баландсифати картошка, усулҳои селексия, ворид намудани маводҳои авалияи тухмӣ аз хориҷи кишвар ва мутобиқгардонии онҳо ба шароити агроэкологии минтақаҳои парвариш нақши муҳимро мебозанд.

Кори илмии дар мавзӯи "Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт", ба яке аз масаъалаҳои ҳалталаби руз – таъминоти аҳолии кишвар ба маҳсулоти ғизоӣ бахшида шудааст.

Навгонии мавзуи таҳқиқотӣ аз он иборат мебошад, ки дар Тоҷикистон бори аввал дар шароити мавзеи Лахши водии Рашти Тоҷикистон, дар асоси таҳқиқотҳои комплексӣ омӯзиши хусусиятҳои селексионӣ, агроэкологӣ ва маҳсулнокии навъҳои нави интродуксионии картошка ба роҳ монда шуда, дар асоси он ҷараёни мутобиқшавӣ, хосиятҳои морфобиологии навъҳои нави картошка ва шароити агроэкологии минтақаи кишт пурра омӯхта шудааст.

Аҳамияти илмию таҷрибавии тадқиқотҳои илмии Акрамов Абдуҳалим Холович дар он зикр гардидаанд, ки муаллиф дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ ба истеҳсолот пешниҳод намудани навъҳои ояндадори дорои ҳосили баланд ва хушсифати картошка мебошад. Инчунин, баҳодиҳии навъҳои нави картошка вобаста аз сифати тухмӣ, мутобиқат ба шароитҳои минтақаи парвариш, ҳосилнокӣ ва массаи умумиии биологии навъҳоро муайян намудааст.

Навъҳои омухташуда серҳосили картошка, ки ҳоло дар майдони бештар аз 20 га дар шароити ноҳияи Лахш парвариш карда мешаванд,

аз ҳар гектар аз 30 то 40 тонна ҳосили дилхоҳ медиҳанд. Таҳқиқотҳо собит сохтанд, ки навъҳои Янка, Вектар, Скарб ва Бриз аз ҷиҳати ҳосилнокӣ ва устуворият ба омилҳои табиӣ аз дигар навъҳои зери омӯзиш қарордошта фарқ доштанд. Навъҳои номбурда дар шароити ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Муъминобод, Деваштич дар майдони бештар аз 50 га парвариш гардида, иқтидори баланди ҳосилнокиашонро нишон додаанд.

Мақолаҳои чопгардида ва автореферати рисолаи илмӣ пурра натиҷаҳои илмии дар диссертатсия дарҷгардидаро дақиқ инъикос намуда, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошанд.

Вазифаҳои тадқиқот пурра иҷро гардида, муаллифи он – Акрамов Абдуҳалим Холович барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳандагон:
номзади илмҳои кишоварзӣ, директори
Институти боғу токпарварӣ
ва сабзавоткории АИКТ Толибов А.Қ.

номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири
шуъбаи ҳимояи набототи Институти
боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Толиҳов Ҷ.А.

Имзои Толибов А.Қ. ва Толиҳов Ҷ.А.-ро тасдиқ менамоям,
Сармутахассис оид ба кадри Институти
боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Шерова М.

14.05.2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
734025, хиёбони Рӯдакӣ, 21а. тел: 93 800 90 92, 917 24 74 84
почтаи электронӣ: **bogparvar@mail.ru**